Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот)

Рушди давлату ҳукумат ба тарбияи шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дорои таффакури интиқодӣ ва масъулиятшиносу фаъол вобастагии зич дорад. Ҷомеаи муосир муносибати навинро ба раванди таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ талаб менамояд.

Масъалаи таълиму тарбияи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дер боз мавриди таваҷҷуҳи олимони тамоми дунё қарор гирифтааст. Дар ин хусус як қатор таҳқиқоти илмӣ гузаронида шудаанд, ки масъалаи имконияти гузоштани заминаҳои илмии асоснокшударо барои муайян намудани шароит дар ташаккулёбӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии хонандагон ба ҳаёти иҷтимоӣ медиҳад.

Рисолаи пешниҳодшуда масоили педагогӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-комуникатсионӣ дар назар дорад.

Маълум мегардад, ки аксарияти таҳқиқгарон муносибатҳои гуногун ва ҷанбаҳои алоҳидаи ташкили раванди таълиму тарбияро дар марҳалаи ибтидоии таълим мавриди баррасӣ қарор додаанд. Вале, дар самти раванди таълим бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ бо мақсади ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва рушди фарҳанги зеҳнии онҳо асарҳои илмӣ кофӣ намебошанд.

Муаллиф дараҷаҳои илмӣ, навгонӣ, моҳияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти худро бо ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба масъалаи татбиқи ташаккулӣ дар раванди таълим истифода намудани технологияи иттилоотӣ-комуникатсионӣ-ро муайян намудааст.

Таҳлилу истифодаи методҳои таҳқиқотии педагогӣ, мақсаду вазифаҳои онро ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии истифодашуда ва озмоишҳои муқарраркунанда ва инкишофдиҳанда (тест, анкета пурсиш суҳбатҳо бо хонандагон, мушоҳидаҳо, омузиши роҳҳои ташаккули истифода намудани методҳои фаъоли таълим) тасдиқ менамояд.

Мақсади таҳқиқоти диссертасионии докторант ин ошкор намудани самаранокии методҳои фаъоли таълим дар ташаккули салоҳияти асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Дар кори илмии пешниҳодшуда андешаҳо оид ба масоили назариявӣ ва методологӣ, баррасӣ ва муқоисаи вазъияту мушкилоти ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ баён шудааст.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқи салоҳиятҳои хонандагон дар раванди таълим», ки аз ду фасл ва хулоса иборат аст, оид ба технологияи ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон ва хусусиятҳои дидактикии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сифати таълим, ташаккул додани маданияти зеҳнӣ маърифатӣ ва хусусияти инсон дар Стандартӣ барномаҳои байналмилалӣ маълумоти саҳеҳ ва таҳлилӣ пешниҳод гаштааст.

Дар боби дуюм, ки «Амсилаи педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» унвон гирифтааст, доир ба амсилаи фаъоли таълим ва натиҷанокии он дар дарси муосир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мониторинги сифати таълим ва самаранокии он дар ташаккули муносибати босалоҳият, озмоиш ва таҷрибаи педагогӣ дар тағйир додани андешаи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар доираи навсозии таҳсилот ба таври муфассал маълумот гирд оварда шудааст.

Мундариҷа ва мазмуни асосии таҳқиқоти гузаронидашудаи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар автореферата диссертатсия дар шаклҳои тоҷикию русӣ инъикоси худро ёфтааст. Интишороти муаллиф нуктаҳои муҳим ва асосии таҳқиқотро дарбар мегирад.

Новобаста ба ин муваффақиятҳо дар матни автореферати мазкур баъзе хатогиҳои грамматики ва услубӣ дида мешаванд. Аммо камбудии зикршуда ҷузъӣ мебошад ва ба арзиши илмӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонад.

Дар умум, автореферати диссертатсияи Абдуллозода Наҷибулло Сайфулло дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ» ба талаботи Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз руи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз руи ихтисоси 6D010300 - Педагогика ва психология (6D010301 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот) мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи алгебра
ва геометрияи Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Сатторов А.Э.

735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
**E-mail:** asattorov50@mail.ru
**Тел:** (+992) 987-67-57-73

Имзои Сатторов А.Э.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

«15» июли 2025